# Course name: National economy

## Week 12: *Regional sector and free economic zones at the level of the national economy*

# Номи фан: Иқтисоди миллӣ

*(National economy)*

## МАВЗӮИ 12. Бахши минтақавӣ ва минтақаҳои озоди иқтисодӣ дар сатҳи иқтисоди миллӣ.

### Саволҳои лексия:

1. **Мафҳумҳои асосии иқтисоди минтақа.**
2. **Омилҳои ба инкишофи иқтисоди минтақа мусоидаткунанда.**
3. **Нишондиҳандаҳо ва равишҳои асосии таҳлили минтақавӣ.**
4. **Нишондиҳандаҳои сатҳи тараққиёти минтақаҳои озоди иқтисодӣ.**

### 1. Мафҳумҳои асосии иқтисоди минтақа:

Тақсимоти ҳудудро ба минтақаҳо минтақабандӣ меноманд. Вобаста ба меъёрҳои таснифи минтақаҳо минтақабандиҳои зеринро фарқ кардан мумкин аст:

1) минтақабандии иқтисодӣ бар асоси тақсимоти ҳудудии меҳнат (ноҳия ва зонаҳои иқтисодӣ, комплексҳои ҳудудию истеҳсолӣ, марказҳои саноатӣ);

2) тақсимоти маъмурию ҳудудӣ (ҷумҳурӣ, кишвар, вилоят, ноҳияи маъмурӣ, шаҳр, ноҳияи шаҳр, шаҳрак);

3) минтақабандии иқтисодӣ аз рӯи мушкилотҳои мавҷуда.

Ҳалқаи асосӣ дар системаи минтақабандии иқтисодӣ минтақаҳои иқтисодӣ ба ҳисоб меравaнд.

Минтақаи иқтисодӣ – комплекси ҳудудию истеҳсолӣ аст, ки дар асоси масоҳати калон ба вуҷуд омада аз қисматҳои дигари кишвар  махсус гардонда шудани хоҷагии халқ, мавқеи ба худ хоси иқтисодию ҷуғрофӣ, захираҳои табиӣ ва меҳнатӣ фарқ мекунад[1].

Бояд қайд намуд, ки иқтисоди минтақа якчанд  ҷанбаҳо дорад: якум – усули ташкили фаъолияти хоҷагидории минтақаи муайяншуда дар таркиби иқтисоди миллӣ мебошад. Дуюм, соҳаи илмиест, ки иқтисоди минтақаҳои алоҳида, таркиби дохилии он ва муносибати мутақобиларо бо воҳидҳои минтақавии дигар мавриди омезиш қарор медиҳад. Сеюм, омухтани таносуби минтакави имконият медихад, ки инкишофи иктисодию ичтимоии мамлакат

---

[1] Ҳакимов А.Ҳ., Шодиева Т.Г., Каримова М.Т., Қодиров Д.Б., Муминова Ф.М. Иқтисод ва идоракунии минтаҳа: Китоби дарсӣ. – Душанбе: Деваштич, 2002. – 276 с.

дар минткаахои алохидаи маъмури –вилоят, нохия муайян карда шавад[2]. Ҳамаи ин ҷанбаҳо бо якдигар алоқамандии зич доранд, зеро онҳо асоси ягона ва ҳамон як соҳаи муносибатҳои ҷамъиятиро дар бар мегиранд, ки дар он инкишоф ва идоракунии маҳаллӣ (мунисипалӣ) ба вуҷуд меояд.

Мавзӯи бахши минтақавии иқтисоди миллӣ мураккаб ва гуногунпаҳлӯ буда қисматҳои асосиаш аз инҳо иборатанд:

- иқтисоди минтақаи муайян (иқтидорҳои захиравӣ ва истеҳсолӣ, таркиби соҳавӣ, шароити зиндагӣ, механизми амалнамоӣ ва идоракунии иқтисодиёт);
- робитаҳои иқтисодии байни минтақаҳо (кушод будани минтақаҳо, алоқамандии мутақобилаи онҳо);
- низомҳои иқтисодии минтақавӣ (иқтисоди миллӣ ҳамчун низоми минтақаҳои якҷояамалкунанда);
- ҷойгиркунии қувваҳои истеҳсолкунанда (хусуиятҳои минтақаҳо дар бобати ҷойгиршавии захираҳои табиӣ, аҳолӣ, истеҳсолот, инфраструктураҳо ва ғайра);
- ҷанбаҳои минтақавии ҳаёти иқтисодии минтақаҳо (аз назари ба амалории ҷараёнҳои истеҳсолӣ, сармоягузорӣ, меҳнатӣ ва молиявӣ).

Ҳангоми баррасии мавзӯҳои иқтисоди минтақавӣ  мафҳумҳои асосиеро муайян намудан зарур аст, ки дар асоси онҳо ба вуҷуд овардани тасаввуроти асосноки илмӣ оиди иқтисоди минтақавӣ имконпазир мегардад. Мафҳуми аввалин- масоҳат ба шумор меравад.

«Масоҳат – ин қисмати (маҳдуди) қабати сахти болоии замин аст, ки дорои хусусиятҳо ва захираҳои табиии ва антропогенӣ буда, бо дарози, масоҳат ҳамчун намуди махсуси манбаи маконӣ, мавқеи ҷуғрофӣ ва бо дигар сифатҳо тавсифшаванда буда, ки мавриди фаъолияти мушаххас ё тадқиқотҳо қарор мегирад».

Якхел набудани  таркиби масоҳатҳо аз рӯи нишонаҳои муҳимтарини иқтисодӣ, ҷуғрофӣ, мҷтимоӣ, миллӣ, демографӣ, таърихӣ ва ғайра ё аз ҳад бузург будани масоҳат зарурати тақсим кардани масоҳатро ба қисмҳо – ноҳияҳо, минтақаҳо, зонаҳо пеш меорад.

Ноҳия аз масоҳати маҳдудгардондашудае иборат мебошад, ки дорои хислати якпорчагӣ, алоқамандии унсурҳои таркибӣ, тамомият мебошад, ки зимнан ин тамомиятро шароитҳои объективӣ ва қонунмандии инкишофи масоҳати мазкур тақозо менамояд.

Муродифи мафҳуми «ноҳия» «минтақа» мебошад, ки мафҳуми русии он – регион аз лотинӣ ба маънои сарзамин, кишвар, вилоят омадааст[3].

---

[2] Исайнов Ҳ.Р. Иқтисоди миллӣ: китоби дарсӣ,-Душанбе Ирфон, 2018с, 548с.
[3] Ҳакимов А.Ҳ., Шодиева Т.Г., Каримова М.Т., Қодиров Д.Б., Муминова Ф.М. Иқтисод ва идоракунии минтақа: Китоби дарсӣ. – Душанбе: Деваштич, 2002. – 276 с.

Таърифҳои асосии зерини аз тарафи умум қабулгардидаи минтақаро ҷудо кардан мумкин аст: вилоят (ноҳия, қисмате аз кишвар), ки аз дигар қисматҳо бо маҷмеи хусусиятҳои табиӣ ё таърихан ташаккулёфтаи иқтисодию ҷуғрофӣ тафовут дошта бо хусусиятҳои ҳолати миллии аҳолӣ ҳамбастагӣ дорад; шакли фазоию ташкилии фаъолияти ҳаётии аҳолӣ; воҳиди калони мураккабташкили тақсимоти истеҳсолию минтақавии кишвар; минтақа – масоҳат дар ҳудуди маъмурии кишвар, ки дороа хусусиятҳои зерин: тамомият, маҷмуият, махсусгардонидашуда ва идорашавандагӣ мебошад[4].

Мафҳуми «минтақа» инчунин нисбат ба ҷомеъаи байналмилалӣ - минтақаҳои ҷаҳон низ истифода мегардад. Масалан, минтақаи ИДМ, минтақаи Осиёи Марказӣ, ки ба ҳамгироии иқтисодиёти давлатҳои алоҳида асос меёбад. Кушода гардидани бозорҳои миллии молҳо, кор, сармоя барои ташвиқи инкишофи муносибатҳо байни минтақаҳои миллӣ мусоидат менамояд.

Мафҳуми дигари минтақа – фазои иқтисодӣ аст. Фазои иқтисодӣ – ин маҷмӯи муносибатҳои иқтисодӣ дар ҳудуди муайян буда арзёби мегардад.

## 2. Омилҳои ба инкишофи иқтисоди минтақа мусоидаткунанда:

Барои донистани хусусиятҳои минтақа ҳамчун объекти тадқиқот ва идоракунӣ, ошкор сохтани махсусиятҳо ва фарқиятҳои он аз дигар объектҳои идоракунӣ зарур аст, ки тақсимоти ҷамъиятии меҳнат дида баромада шавад. Ва он иборат аст аз муайян намудани тафовутҳо дар навъҳои гуногуни фаъолияти инсон, намудҳо ва зернамудҳои махсуси истеҳсолӣ, ки марбут ба шахсони алоҳида, истеҳсолот, ҳудудҳо ва кишварҳо буда, шарти муҳими инкишофи қувваҳои истеҳсолкунанда дар ҷомеа ба шумор мераванд.

Дар ин ҳол, тақсимоти ҷамъиятии меҳнат дар ду шакли асоси – шакли ҳудудӣ ва шакли соҳавӣ ифода ёфта инкишоф меёбад.

Тақсимоти ҳудудии меҳнат дар назар дорад, ки соҳаҳои алоҳидаи истеҳсолот ба минтақаҳои муайян вобаста карда шаванд. Асоси табиии он дар ин ҳол тафовутҳое ба шумор мераванд, ки дар шароитҳои табиӣ, иқлимӣ ва иқтисодии минтақаҳои гуногун вуҷуд доранд. Асоси иқтисодии ин шакли тақсимоти меҳнат тафовут дар даромаднокии истеҳсоли маҳсулот ва хадамот дар ҳудудҳои гуногун мебошад, ки бинобар бастубанди махсус доштани омилҳои номбаршуда дар ҳар кадом минтақа ба вуҷуд меояд[5].

Тақсимоти соҳавии меҳнат мавҷуд будани соҳа ва истеҳсолоти алоҳидаро дар назар дорад, ки эҳтиёҷоти мухталифи ҷомеа ба воситаи онҳо

[4] Ҳакимов А.Ҳ., Шодиева Т.Г., Каримова М.Т., Қодиров Д.Б., Муминова Ф.М. Иқтисод ва идоракунии минтақа: Китоби дарсӣ. – Душанбе: Деваштич, 2002. – 276 с.
[5] Исайнов Ҳ.Р. Иқтисоди миллӣ: китоби дарсӣ,-Душанбе Ирфон, 2018с, 548с.

қонеъ гардонда мешавад. Ҳолат ва инкишофи соҳа, истеҳсолоти алоҳида аз бисёр ҷиҳат ба таркиби миқдорию сифатии омилҳои истеҳсолот иртибот дорад.

Сатҳи истифодабарии иқтидори иқтисодӣ бо пешрафти ҳалқаҳои функсионалии он, хусусиятҳои робитаҳои мутақобила ва фаъолияти байниҳамдигарии онҳо алоқаи ногусастанӣ дорад. Ҳафт зерсистемҳои функсионалӣ, ки бо ҳам зич алоқамандано фарқ кардан мумкин аст, ки иқтидори иқтисодиро ҳамчун система пурратар тавсиф менамоянд[6].

Хусусиятҳои муҳимтарини ин система чунин аст:

- система ҳамчун комплекс аст, ки чунин маънӣ дорад, ки ҷузъҳои ба таркиби иқтидори иқтисодӣ дохилгардида бе якдигар амал карда наметавонанд;
- доимии функсионалӣ дар фаъолияти байниҳамдигарии байни зерсистемаҳо мушоҳида мешавад;
- таъсирпазирӣ, ки самтгирии муайяни афзоиши ҳар кадом зерсистема ва системаро дар маҷмеъ ифода менамояд.




**Расми 2. Таркиби функсионалии иқтидораи иқтисодии минтақа**

Мавҷуд будани захираҳои табиӣ шарти асосии дар минтақа ҷойгиркунии қувваҳои истеҳсолкунанда ба ҳисоб меравад. Миқдор, сифат ва бандубасти захираҳо, нерӯи захираҳои табиии минтақаро муайян намуда, омили муҳими ҷойгиркунии аҳолӣ ва фаъолияти хоҷагидорӣ мегардад. Нерӯи захираҳои табиии минтақа ба махсусгардонии бозории минтақа ва мавқеи он дар тақсимоти меҳнат таъсир мерасонад[7].

---

[6] Николаева Т.П. Основы информационной экономики: уч. пос. – СПБ.: ООО «ЛЕКС СТАР», 2001. – 128 с.

[7] Ҳакимов А.Ҳ., Шодиева Т.Г., Каримова М.Т., Қодиров Д.Б., Муминова Ф.М. Иқтисод ва идоракунии минтақа: Китоби дарсӣ. – Душанбе: Деваштич, 2002. – 276 с.

Нерӯи захираҳои табиии минтақа – ин қисме аз маҷмӯи захираҳои табиӣ мебошад, ки бо сатҳи муайяни инкишофи иқтисодию техникии ҷомеа ва омехта шудани минтақаи мазкур мумкин аст, ки барои фаъолияти хоҷагидорӣ дар шароити ҳозира ва дар оянда истифода гардад.

Вазифаҳои аввалиндараҷаи тадқиқотҳои иқтисодии минтақавӣ аз инҳо иборат мебошанд:

- таҳлили илмии минтақа ҳамчун ҷои ҷобаҷокунии қувваҳои истеҳсолкунанда ва аҳолӣ;
- омезиши қонуниятҳо ва принсипҳои ҷойгиркунии қувваҳои истеҳсолкунанда бо ба назар гирифтани омилҳои алоҳида;
- омезиши масъалаҳое, ки ҳалли онҳо ба рушди минтақа (ноҳияҳо) таъсири бевосита мерасонад;
- асоснок намудани сиёсати минтақавӣ дар асоси тадқиқи масъалаҳои инкишофи минтақа.

Ба сифати асоси иттилоотии таҳлили минтақавӣ дар аксари мавридҳо маълумотҳои оморӣ оид ба инкишофи корхонаҳо, ташкилотҳо ва аҳолии минтақаҳои алоҳида истифода мегарданд.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон Кумитаи давлатии омор маҷмӯаи «Минтақаҳои Тоҷикистонро»-ро интишор медиҳад, ки дар он маълумоти оморӣ дар хусуси рушди иҷтимоию иқтисодии минтақаҳои ҷумҳурӣ оварда мешаванд[8].

Маҷмӯаи оморӣ фаслҳои зеринро дар бар мегирад, ки дар онҳо нишондиҳандаҳои дахлдор оид ба тамоми минтақаҳои ҷумҳурӣ оварда мешавад: назари умумӣ ба минтақаҳои Тоҷикистон; аҳолӣ; шуғл ва даромадҳои аҳолӣ; маориф; ҳифзи саломатӣ; фонди манзилӣ; сохтмони манзилӣ ва иҷтимоию фарҳангӣ; ҳифзи муҳити зист; маълумоти умумии ҳуқуқӣ; саноат; кишоварзӣ; сохтмони асосӣ; нақлиёт ва алоқа; савдо ва хизматрасонӣ ба аҳолӣ.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон гузариш ба низоми ҳисобҳои миллӣ сурат мегирад, ки тавассути онҳо нишондодҳои асосии макроиқтисодии рушд муайян карда мешаванд, инчунин дар назар аст, ки низоми ҳисобҳои минтақавӣ бунёд гузошта шавад, ки бо низоми ҳисобҳои миллӣ мутобиқ хоҳад буд.

## 3. Нишондихандаҳои сатҳи тараққиёти минтақаҳои озоди иқтисодӣ:

[8] Исайнов Ҳ.Р. Иқтисоди миллӣ: китоби дарсӣ,-Душанбе Ирфон, 2018с, 548с.

Тоҷикистон кишвари агросаноатӣ буда, дорои иқтидори бузурги гидроэнергетикӣ ва саноатӣ буда, конҳои калони маъданҳои фоиданок мебошад. Наздикии бозорҳои йузурги истеъмолӣ дар Руссия, Қазоқистон, Чин, Афғонистон ва Покистон ин бахши иқтисодро хеле ҷолиб месозад.

Таъсиси минтақаҳои озоди иқтисодӣ ба барномаи рушди инноватсионии Тоҷикистон ворид карда шудааст, чунки иқтисоди муосирро бе чунин минтақаҳо тасаввур кардан душвор аст. Мувофиқи таҳлили коршиносон 30%-и тиҷорати ҷаҳонӣ тавассути минтақаҳои озоди иқтисодӣ амалӣ мегардад. Дар кишвар 4 минтақаи озоди иқтисодӣ фаъолият доранд. Арзиши иҷораи қитъаи замин мутобиқи низомнома солона 1 доллар барои 1 метри мураббаъро ташкил мекунад. "Минтақаҳои озоди иқтисодӣ - маконҳоеанд, ки дар он ҷо шумо тиҷорати муваффақро бунёд карда метавонед. Онҳо на танҳо сармоягузоронро ҷалб мекунанд, балки барои онҳо имкониятҳои навро фароҳам меоранд"[9].

Вилояти Хатлон – Инфрасохтори Хатлон як шабакаи рушдёфтаи роҳҳои автомобилгард, оҳан ва ҳавоӣ мебошад. Соҳаҳои саноати сабук, хӯроквори, кимиё, электроэнергетика ва саноати коркарди оҳан хуб инкишоф ёфтаанд. Дарёҳои асосии ин вилоят Панҷ, Вахш ва якчанд обанборҳо захираҳои бепоёни захираҳои гидроэнергетикӣ доранд. Шароити иқлими минтақа, ки нури офтоб, об ва водиҳои ҳосилхези фаровон доранд, ба шумо имкон медиҳанд, ки дар як сол то 3 маротиба сабзавот ва мева парвариш кунед.

Дар вилояти Хатлон ду минтақаи озоди иқтисодӣ - Данғара ва Панҷ намояндагӣ мекунанд.

***Минтақаи озоди иқтисодии Данғара*** **ва «Ишкошим»** 2 феврали соли 2009 таъсис ёфтанд. Минтақаи озоди иқтисодии «Данғара» дар ҳудуди ноҳияи Данғара масоҳати умумии 521 гектар ва Минтақаи озоди иқтисодии «Ишкошим» дар ҳудуди ноҳияи Ишкошим 200 гектарро фаро мегирад.

Ҳаҷми сармояи мустақим низ ба минтақаҳои озоди иқтисодӣ тамоюли афзоишро касб карда, солҳои 2011 - 2015 ба 259 миллион сомонӣ баробар шудааст. Дар робита ин, солҳои 2014 — 2015 аз Буҷети давлатӣ барои нигоҳдорӣ ва инфрасохтори аввалиндараҷаи минтақаҳои озоди иқтисодӣ 10,8 миллион сомонӣ ҷудо гардидааст[10].

Аз ҷониби субъектҳои минтақаҳои озоди иқтисодӣ дар солҳои зикршуда ба Буҷети давлатӣ дар ҳаҷми 19,7 миллион сомонӣ пардохтҳои гумрукӣ ва андозҳо ворид шудааст.

Сохтмони се иншооти бузург — корхонаҳои сементбарорӣ, кафелбарорӣ ва шишабарорӣ дар ҳудуди Минтақаи озоди иқтисодии «Данғара»-и ноҳияи

---

[9] Ҳакимов Ҳ.А., Раҷабов Қ. Минтақаҳои озоди иқтисодӣ. Китоби дарсӣ барои донишҷӯёни муассисаҳои таълимии таҳсилоти олии касбии самти иқтисодӣ. – Душанбе: «Ирфон», 2009. 467с.
[10] Ҳакимов Ҳ.А., Раҷабов Қ. Минтақаҳои озоди иқтисодӣ. Китоби дарсӣ барои донишҷӯёни муассисаҳои таълимии таҳсилоти олии касбии самти иқтисодӣ. – Душанбе: «Ирфон», 2009. 467с.

Данғара мебошанд. Корхонаи сементбарорӣ дар минтақаи мазкур дар масоҳати 20,8 гектар замин ва бо харҷи 1 миллиард сомонӣ сохта мешавад. Иқтидори солонаи корхонаи бунёдшаванда 1,6 миллион тонна сементро ташкил дода, маблағи фурӯши солонаи маҳсулот ба 775 миллион сомонӣ расонида мешавад. Ба сохтмони корхона 150 нафар ҳамватанонамон ҷалб шуда, баъди ба фаъолият шурӯъ кардан дар маҷмӯъ 800 нафар бо ҷои кори доимӣ таъмин мешаванд.

Дар Минтақаи озоди иқтисодии «Данғара» соли 2015 5 субъект ба фаъолият шурӯъ кардаанд. Оид ба истеҳсоли маҳсулот дар минтақаҳои озоди иқтисодӣ, ки соли 2015 аз ҷониби ҳамаи субъектҳо ба маблағи 57,6 миллион сомонӣ маҳсулот истеҳсол шудааст, ки ба Минтақаи озоди иқтисодии «Суғд» 55 миллион сомонӣ, Минтақаи озоди иқтисодии «Данғара» 2,5 миллион сомонӣ ва Минтақаи озоди иқтисодии «Панҷ» беш аз 103 ҳазор сомонӣ рост меояд. Субъекти дигари минтақаи озоди иқтисодии «Данғара» корхонаи истеҳсоли конструксияҳои оҳанӣ бо иқтидори коркарди солона то як миллион тонна оҳан мебошад. Ҳамчунин корхонаҳои истеҳсоли масолеҳи пластикӣ ва қубурҳои пластикӣ, заводи коркард ва бастабандии меваҳои хушк ва ғайраҳо бунёд гардида истодаанд.

***Ҳудуди Минтақаи озоди иқтисодии Панҷ*** - 401,6 гектарро ташкил дода, як қисми он бо 186 гектар ба бахши тиҷорат, воридот, содирот, молия ва инноватсия ва қисми дуюм бо 215,6 гектар ба бахши саноат тааллуқ дорад. Минтақаи озоди иқисодии «Панҷ» дорои захираҳои бузурги ашёи хом ба мисли қуми квартсӣ ва пахтаи хом, инчунин маҳсулоти кишоварзӣ мебошад, ки метавонанд аз чор ноҳияҳои дар масофаи 50 км дар атрофи минтақаи озоди иқтисодӣ ҷойгирбуда таъмин карда шаванд. Дар ин минтақа инфрасохтори хуб бо назорати гумрукӣ ташкил карда шудааст ва бо об ва қувваи барқ таъмин мебошад. Дар айни замон шартномаҳо бо ширкатҳои Корея оид ба истеҳсоли шеткаи дандон ва бунёди фабрикаи пойафзол баста шудаанд[11].

Вилояти Суғд бо макони мусоиди ҷуғрофии худ ҳамчун дарвозаи тиҷоратии шимолии Тоҷикистон аст ва "марвориди" водии Фарғона машҳур аст.

***Минтақаи озоди иқтисодии Суғд*** - соли 2009 таъсис дода шуда, дар қисми саноатии ҷанубу ғарби шаҳри Хуҷанд ҷойгир аст. Масоҳати умумии он 320 гектарро ташкил медиҳад. Субъектҳои дар минтақаи озоди иқтисодии мазкур фаъолияткунанда ба истеҳсоли кабелҳои барқӣ, қубурҳои полимерӣ, профилҳои алюминӣ ва пластикӣ, масолеҳи сохтмонӣ ва рангҳо, зарфҳои пластикӣ, васлу насби таҷҳизоти истеҳсоли барқ аз нируи офтобӣ ва насосҳои

---

[11] Ҳакимов Ҳ.А., Раҷабов Қ. Минтақаҳои озоди иқтисодӣ. Китоби дарсӣ барои донишҷӯёни муассисаҳои таълимии таҳсилоти олии касбии самти иқтисодӣ. – Душанбе: «Ирфон», 2009. 467с.

амиқ, инчунин коркарди такрории оҳан машғуланд. Корхонаҳои истеҳсоли лампаҳои каммасраф, мебел ва ғайра мавриди баҳрабардорӣ қарор гирифта истодаанд. Минтақаи озоди иқтисодии «Суғд» барои корхонаҳое, ки дар самти содирот кор мекунанд, шароити мусоид пешниҳод мекунад[12].

Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон дар қисми шарқии Тоҷикистон ҷойгир аст. Ин сарзамин аз манзараҳои беназири диққатҷалбкунанда, сангҳои қимматбаҳо, чашмаҳои оби шифобахш ва канданиҳои фоиданок бой аст.

***Минтақаи озоди иқтисодии "Ишкошим"***- аз соли 2011 вуҷуд дорад ва масоҳати он 200 гектарро ташкил медиҳад. Вилоят дар шимол бо Қирғизистон, дар шарқ бо Чин ва дар ҷануб ва ғарб бо Афғонистон ҳамсарҳад аст. Пешбурд ва истифодаи захираҳои табиӣ ва тафреҳӣ дар бозорҳои ҷаҳонии хизматрасониҳои сайёҳӣ ҷараёни ҷалби сайёҳони хориҷиро ба Тоҷикистон таъмин хоҳад кард. Минтақаи мазкур бо мавҷудияти дарёҳои сершумори кӯҳӣ ва захираҳои бойи об барои рушди гидроэнергетика, бунёди нерӯгоҳҳои барқи обии бузург ва рушди неругоҳҳои хурди обӣ мусоидат мебошад[13].

Дар минтақаҳои иқтисодии кишвар барномаи махсуси андозбандӣ амал мекунад. Дар ҳамаи минтақаҳои озоди иқтисодӣ андоз аз даромад, андоз аз истифодабарандагони роҳ, андоз аз арзиши иловашуда, андоз аз фурӯши пахта ва алюминии аввалия, андоз аз захираҳои табиӣ, аксизҳо, андозҳо аз воситаҳои нақлиёт, амволи ғайриманқул ва боҷҳои гумрукӣ барои содироти маҳсулоти дар минтақаҳои озоди иқтисодӣ истеҳсолшуда ба сифр фоиз баробар аст. Аз 10 андозе, ки Кодекси андози кишвар пешбинӣ кардааст, субъектҳои минтақаҳои озоди иқтисодӣ танҳо ду намудро пардохт мекунанд: андози иҷтимоӣ (25%) ба Фонди музди меҳнат ва андоз аз даромад (8% - 13%), ки аз музди меҳнати корманд нигоҳ дошта мешавад.

Ҳангоми тадқиқ намудани иқтисоди минтақаҳои алоҳида таркиби соҳавии он, дараҷаи кушод будани иқтисод, маълумоти баёнсозандаи рушди иҷтимоиву иқтисодии минтақа, мавриди таҳлил қарор дода мешавад.

Яке аз самтҳои арзишманди тадқиқотҳо ба таркиби соҳавии иқтисоди минтақаҳо ва тағйироте, ки дар солҳои гуногун ба вуқӯъ меоянд, алоқаманд мебошад. Ин навъи тадқиқотҳо ҳангоми асоснок намудани сиёсат нисбат ба «ҷойҳои осебпазир» ва «минтақаҳои ба касодӣ гирифторшуда» - и кишвар хеле зарур мебошанд.

Таҳлили инкишофи соҳаҳои алоҳидаро мумкин аст бо тадқиқотҳои ба асосҳои иқтисодӣ ё таносуби байни соҳаҳои бунёдӣ ва хизматрасони минтақаҳо идома ёбад.

---

[12] Ҳакимов Ҳ.А., Раҷабов Қ. Минтақаҳои озоди иқтисодӣ. Китоби дарсӣ барои донишҷӯёни муассисаҳои таълимии таҳсилоти олии касбии самти иқтисодӣ. – Душанбе: «Ирфон», 2009. 467с.
[13] Ҳакимов Ҳ.А., Раҷабов Қ. Минтақаҳои озоди иқтисодӣ. Китоби дарсӣ барои донишҷӯёни муассисаҳои таълимии таҳсилоти олии касбии самти иқтисодӣ. – Душанбе: «Ирфон», 2009. 467с.

Минтақаҳоро ҳамчун комплексҳои аз ҳам ҷудо донистан мумкин нест, зеро онҳо ба ҳам алоқаманданд ва тағйирот дар як минтақа дар минтақаҳои дигар эҳсос карда мешавад.

Иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҷузъҳои зиёди минтақавӣ таркиб ёфтааст, аз ин рӯ, пеш бурдани сиёсати макроиқтисодии минтақавӣ, ки барои ҳалли мушкилоти вобаста ба  мавҷуд будани тафовут дар  фазои иқтисодии ҷумҳурӣ равона гардидааст, бағоят муҳим мебошад.

Баробарсозии рушди иҷмоию иқтисодии минтақаҳо ба он маъно нест, ки дар тамоми ҳудуди ҷумҳурӣ соҳаҳои гуногуни иқтисод ва намуди фаъолиятҳо баробар ҷойгир карда шаванд, балки ба он маъност, ки тафовутҳои байниминтақавӣ дар сатҳи инкишофи иқтисодӣ, зиндагонии аҳолӣ кам карда шаванд. Баробар сохтани рушди иҷтимоию иқтисодии минтақаҳои ҷумҳурӣ ба инкишоф ёфтани бозори умумимиллӣ мусоидат хоҳад намуд.

Тамоюлҳои тафовутпазирии минтақаҳо бо ёрии нишондиҳандаҳое арзёбӣ карда мешаванд, ки сатҳи рушди иқтисодӣ ва сатҳи зиндагониро баён месозанд.

Сатҳи рушди иқтисодии кишвар ва минтақа тавассути сарватҳои андӯхтаи миллӣ муайян карда мешавад. Аммо маълумоти омории минтақавӣ танҳо баъзе унсурҳои сарвати миллиро инъикос менамояд ва аз ин рӯ имкон намедиҳад, ки тадқиқотҳои муқоисавии байниминтақавӣ анҷом дода шавад.

Минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон бо нишондиҳандаҳои асосии иқтисодӣ ва иҷтимои Ҷумҳурии Тоҷикистонимоӣ аз ҳам фарқ мекунанд[14].

Аз рӯи миқдори маҳсулоти саноатӣ ба ҳар сари аҳолӣ тафовути байни минтақаҳои ҷумҳурӣ хеле назаррас аст. Ин тафовутҳо ба таври равшан дар шакли сутунҳои нақшаи баёнӣ нишон дода шудаанд. Миқдори аз ҳама бештари истеҳсолоти саноатӣ ба ҳар сари аҳолӣ дар ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ (ноҳияи Турсунзода) ва миқдори аз ҳама камтар – дар вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон ба мушоҳида мерасад.

Яке аз омилҳои тафовути минтақаҳо аз рӯи сатҳи музди кори миёнаи моҳона - мавҷуд будани фарқ дар таркиби соҳавии иқтисоди минтақаҳо ба шумор меравад.

Дар соҳаи истеҳсолӣ музди кори аз ҳама камро коркунони соҳаи кишоварзию ҷангалпарварӣ ва музди кори нисбатан баландро коркунони дар саноат машғул буда доштанд.

Дар байни соҳаҳои ғайриистеҳсоли музди кори аз ҳама баландро коркунони муассисаҳои қарздиҳанда ва суғурта ва аз ҳама пастро дар системаи тандурустӣ мегиранд.

---

[14] Ҷонмамадов Ш.Б., Раҳмонов Ҷ.Р., Мамадалиев Ф.С. Танзими давлатии иқтисодиёт. – Душанбе: Ирфон, 2010. -166 с.

Ба ҳамин тариқ, сатҳи нисбатан баланди музди кор дар ноҳияҳое вуҷуд дорад, ки дар онҳо саноат, инфраструктураи бозаргонӣ тараққӣ ёфта ба соҳибкории муштарак шароит фароҳам омадааст (шаҳри Душанбе, баъзе ноҳияҳои вилояти Суғд, баъзе ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ).

Сатҳи нисбатан пасти музди кор дар минтақаҳоест, ки аз ҳама бештар дар натиҷаи ҷанги шаҳрвандӣ зарар дидаанд (ноҳияҳои алоҳидаи тобеи ҷумҳурӣ ва вилояти Хатлон), инчунин ноҳияҳое, ки аз ҷиҳати мавқеи ҷуғрофӣ аз марказ ҷудо ва дурдаст (ноҳияҳои ВМКБ) мебошанд[15].

## Адабиёти истифодашуда:


**1.** Гранберг А.Г. Основы региональной экономики: учебник. –М., 2001.

2.Государственное регулирование национальной эконо-мики: учебное пособие /Е.В. Харченко, Ю. В. Вертакова. -5-е изд., перераб. И доп. – М.: КНОРУС, 2011. -328 с

3.Николаева Т.П. Основы информационной экономики: уч. пос. – СПБ.: ООО «ЛЕКС СТАР», 2001. – 128 с.

4. Ҳакимов Ҳ.А., Раҷабов Қ. Минтақаҳои озоди иқтисодӣ. Китоби дарсӣ барои донишҷӯёни муассисаҳои таълимии таҳсилоти олии касбии самти иқтисодӣ. – Душанбе: «Ирфон», 2009. 467с.

5.Ҳакимов А.Ҳ., Шодиева Т.Г., Каримова М.Т., Қодиров Д.Б., Муминова Ф.М. Иқтисод ва идоракунии минтақа: Китоби дарсӣ. – Душанбе: Деваштич, 2002. – 276 с.

6.Ҳакимов Ҳ. А. Ташкили идораи иқтисоди миллӣ. Василаи таълим. – Душанбе: «Ирфон», 2005. - 416 с.

7.Ҷонмамадов Ш.Б., Раҳмонов Ҷ.Р., Мамадалиев Ф.С. Танзими давлатии иқтисодиёт. – Душанбе: Ирфон, 2010. -166 с.

8.Исайнов Ҳ.Р. Иқтисоди миллӣ: китоби дарсӣ,-Душанбе Ирфон, 2018с, 548с.


[15] Ҳакимов А.Ҳ., Шодиева Т.Г., Каримова М.Т., Қодиров Д.Б., Муминова Ф.М. Иқтисод ва идоракунии минтақа: Китоби дарсӣ. – Душанбе: Деваштич, 2002. – 276 с.